**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор**
**__________Ибодуллозода А. И.**
**«____» марти соли 2024**

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мутобиқат менамояд.

Дар шароити кунунӣ дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои гуногун яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Оид ба истилоҳоти соҳаҳои гуногун корҳои зиёде анҷом ёфта бошад ҳам, вале дар хусуси вожаю истилоҳоти ахлоқӣ таҳқиқоти илмӣ хеле кам ба назар мерасад. Ахлоқ яке аз масъалаҳои мубрами ҳама давру замон ба ҳисоб рафта, махсусан, дар замони муосир бо суръат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо ва муносиботи ахлоқии шароити нав ба хатари косташавии ахлоқӣ мувоҷеҳ гардидани ҷомеа аз матлабҳои муҳимме мебошад, аз диди улуми ҷомеашиносӣ, бавижа забоншиносӣ ниёз ба таҳқиқ доранд. Баррасӣ ва пажуҳиши вожаю истилоҳоти ахлоқии осори мутафаккирони форсу тоҷик баҳри тарбияи насли наврас ва тақвияти мондагории забони тоҷикӣ дар шарҳу баёни соҳаҳои мухталифи илми тоҷик иқдоми муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Дар диссертатсия роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик, таҳлили бархе аз вожаю истилоҳоти ахлоқии осори форсии қадим, миёна ва даврони классикӣ ва махсусан, тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқии осори яке аз мутафаккирони маъруфи форсу тоҷик Ҳусайн Воизи Кошифӣ, инчунин, муқоисаи истилоҳоти ахлоқии ин осор бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино мулоҳизаҳои ҷолиб пешниҳод гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқ баръало намоён аст. Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатисия, мубрамияти интихоб ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он дар илми забоншиносӣ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф мавқеи илмии ӯро нисбат ба мавзуи мавиди таҳқиқ инъикос намудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқшуда зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳлилу таҷзия, муқоиса, шарҳу тафсир, оморию мушоҳида ва синхронию диахронӣ истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид намуд, ки дар диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ бо як равиши муназзами илмӣ масъалаҳои сохтор ва мафҳуми вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, инчунин, муқоисаи онҳо дар осори мавриди таҳқиқ ба риштаи таҳлил кашида шуда, мақсади ниҳоӣ ба даст омадааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи мавриди назар мувофиқи талаботи корҳои илмӣ дар доираи феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, номгӯи таълифоти муаллиф ва замима мураттаб гардидааст. Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик масъалаи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ, бавижа, хусусиятҳои истилоҳоти ахлоқӣ ба миён гузошта шуда, заминаҳои ташаккули ин навъ истилоҳоти забони тоҷикӣ ва равишу қолабҳои асосии истилоҳсозиву истифодаи истилоҳот дар мисоли осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, инчунин, аввалин бор муқоисаи мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти ахлоқии рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино баррасии муқоисавӣ ба миён гузошта шуда, фарқ ва шабоҳати мафҳуми ин истилоҳот таҳлил карда шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ.** Омӯзиши вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, ки аксарияти онҳо таърихи қадима доранд, дар бобати муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, бахусус, давраҳои алоҳидаи тараққиёти он, ҷанбаҳои услубӣ, қолабҳои калимасозӣ ва қабатҳои лексикӣ-

семантикии он аҳаммияти бузурги назарӣ дорад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ ва чандзабонаи тоҷикӣ, китобҳои дарсии макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ ва тартиб додани луғатномаи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ истифода кард.

Дар боби аввали диссертатсия бо номи «Аз таърихи пайдоиш ва ташаккули вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар забоншиносии тоҷик» (саҳ. 15-53) ба масъалаҳои мафҳум ва муҳтавои вожаи «истилоҳ» дар адабиёти илмӣ-назариявии забоншиносӣ ва фарҳангномаҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ ва назароту ақоиди мутафаккирон оид ба ин мафҳум, инчунин, моҳияту хусусиятҳои худи истилоҳ таваҷҷуҳ шудааст. Дар фаслҳои боби мазкур, асосан таҳқиқи фишурдае оид ба ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ ва вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори даврони қадим, миёна ва классикӣ, махсусан дар осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ пажуҳиш анҷом дода шудааст. Дар ин робита зикр мегардад, ки бархе аз вожаю истилоҳоти ахлоқӣ аз осори даврони қадим ва миёна то даврони баъдина дар маънои худ ба ҳеҷ гуна тағйирот ва ё таҳаввулоте дучор нагардидааст, мисли вожаҳои dēn – «дин», дар форсии бостон dainā, rāst – «рост», zēšt – «зишт», hēšm – «хашм» (дисс., с. 24,25) ва ғайра.

Дар осори даврои классикӣ низ атрофи вожаҳои ахлоқии осори бархе аз адибону мутафаккирони форсу тоҷик таҳқиқу баррасӣ анҷом ёфтааст. Дар ин маврид доир ба як зумра вожаю истилоҳоте, ки дар замони имрӯза камистеъмол ва ё пурра аз истифода берун шудаанд, мисли вожаҳои «шафак» – ба маънои нобакор, нодон ва аблаҳ, «газоф» – ба маънои ҳарза, беҳудагӯӣ ва абас, «жакур» – ба маънои бахил ва дун, «бадкуниш» – ба маънои бадамал ва бадфеъл, «гусастахирад» – ба маънои бехирад ва бедониш, «нажанд» – ба маънои афсурда, саргашта, хашмгин, паст ва забун (дисс., с. 30,31) ва ғайра маълумот ҷамъоварӣ ҳамчун истилоҳ тавзеҳоти лозим бо зикри намуна пешниҳод гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Тасниф ва таҳлили забоншиносии вожаю истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (саҳ. 54-103) унвон дорад. Муаллиф дар ин боб дар фаслҳои алоҳида доир ба усулу шеваҳои асосии сохтори вожаю истилоҳоти ахлоқӣ ва таснифи ин гуна вожаҳо аз ҷумла, ба гурӯҳҳи вожаю истилоҳоти ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ андешаҳои илмии худро дар такя бо назарияҳои охирини муҳаққиқони соҳа тақвият бахшидааст. Яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон вожасозӣ мебошад. Доир ба роҳу усулҳои асосии вожасозиву вожагузинӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ олимони соҳаи

забоншиносӣ роҳу усулҳои зиёде пешниҳод намудаанд. Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, диссертант таъкид менамояд, ки дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ вожаҳову истилоҳоти ахлоқӣ бо тамоми усулҳои роиҷи забони тоҷикӣ корбаст гардида, сермаҳсултарини онҳо усулҳои сарфӣ ва наҳвию сарфӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин боб баррасӣ гардидааст, таснифи вожаҳои ахлоқӣ мебошад. Воридшавии калимаҳои иқтибосӣ ба асолати забони мо ҳарчанд падидаи хуб набошад ҳам, вале аз ин воқеияти забонӣ имрӯз ҷойи гурез нест. Дар ин робита имрӯз аз нисф зиёди таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаву ифодаҳои забонҳои бегона ташкил медиҳанд, ки ҳадди аксарро вожаҳои иктибосии арабӣ, ташкил медиҳанд. Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, диссертант таъкид менамояд, ки дар осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахши асосиро вожаю истилоҳоти иқтибосии арабӣ ташкил медиҳад. Албатта, сабабҳои воридшавии вожаҳои мазкур маълум аст, вале ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти онҳо аллакай ба меъёрҳои мустаъмали забонамон мутобиқ шудаанду бегонагӣ зоҳир намекунанд.

Боби сеюми диссертатсия зери унвони «Муқоисаи истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» (саҳ. 103) фарогири масъалаҳои мафҳум ва маънои вожаю истилоҳоти ахлоқӣ ва муқоисаи онҳо дар осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино», инчунин, муайян намудани теъдоди истилоҳоти ахлоқӣ ва таносуби вожаҳои тоҷикиву арабии он мебошад.

Дар он роҷеъ ба хусусиятҳои вижаи истилоҳоти ахлоқии осори мавриди муқоиса баррасиҳои ҷолиб мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аз ҷумла, зикр гардидааст, ки аз хусусиятои хосси истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ин аст, ки ӯ ҳангоми баёни матолиб калимаҳои иқтибосии забони арабиро баён намуда, сипас, муодили онро дар забони тоҷикӣ нишон додааст ва диссертант чунин мисолҳоро пешниҳод намудааст: «Боби аввал дар ибодат ва он парастиш... бошад», «боби чаҳорум дар шукр ва он сипосу ситоиш бошад», «Боби панҷум дар сабр ва он шикебоӣ бошад», «мурод аз хулқ хушхӯист ва ғараз аз рифқ нармиву дилҷӯӣ», «таяққуз бедорӣ бошад» (дисс., с. 107) ва ғайра.

Ҳангоми муқоиса диссертант 29 истилоҳи ахлоқиро, мисли истилоҳоти сабр, иффат, ҳаё, саховат, футувват, ҳазм, фиросат, қаноат, шуҷоат, адолат, илм, одат ва ғайра аз осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва рисолаи «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино» мавриди таҳлил ва баррасии маъноиву мафҳумӣ қарор дода, фарқ ва шабоҳати онро зикр намудааст. Дар хусуси басомад ва теъдоди истилоҳоти ахлоқӣ ва таносуби вожаҳои тоҷикиву арабии он, ки ҳамчун як қисмати асосии истилоҳшиносии забони тоҷикӣ ва бахши муайяни лексика ба ҳисоб меравад, муайян карда шудааст, ки тақрибан 7-8 дар сади лексикаи осори

ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, махсусан, асарҳои “Ахлоқи Муҳсинӣ” ва “Футувватномаи султонӣ”-ро вожаю истилоҳоти ахлоқӣ ташкил намуда, аз он 25% вожаҳои тоҷикӣ, 20% вожаҳои омехта ва 55% вожаҳои арабиро дар бар мегирад (дисс. с. 142,143).

Хулосаи диссертатсия дар 12 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти бандҳои хулоса бо ишораҳои рақамӣ ба мақолаи алоҳидаи муаллиф ишора мекунанд, ки ин ҳолат аз тасдиқи назарияҳои илмии соҳиби диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар охири диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 3 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи бахши истилоҳшиносӣ ва калимасозиву вожанигории илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам такмил ёбад.

Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, бавижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назарии мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳияи рисолаҳои таҳқиқотии замони муосир ба ҳисоб меравад.

Маълум аст, ки аз назари илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баланди забониро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври равшан ошкор шуд, ки муаллифи он аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи басо муҳим ба таври қонеъкунанда баромадааст. Тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хоссатан, вожашиносиву маъношиносӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино”-ро метавон яке аз пажуҳишҳои муҳим ва тоза дар бахши истилоҳшиносиву вожасозии забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки сода, корбурди маводи фаровони матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ рӯйи кор омадааст.

Аз номгӯйи адабиёти кори диссертатсионӣ бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои

зиёди ӯ (5 мақолаи тақризшаванда ва 2 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи истилоҳшиносӣ ва вожасозӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Хулоса, дар диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дастовардҳои илмӣ назаррас буда, истилоҳоти ахлоқӣ аз назари забоншиносӣ муайян ва аз ҷиҳатҳои мухталиф баррасӣ карда шудааст. Мундариҷаи рисолаи мазкур аз нигоҳи банду баст мувофиқи матлаб тарроҳӣ гардида, бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯ пурра мувофиқат мекунанд ва дар таҳияи он таносуб низ риоя гардидааст. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо, ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳо ба чашм хӯрданд, ки ба назари мо,ислоҳи онҳо, ҳангоми чун монография ба чоп ҳозир кардани кор, боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад шуд:

1. Дар бисёре аз ҳолатҳо пас аз воҳидҳои туфайлӣ: бо вуҷуди ин, дар ин хусус (саҳ. 18, 111...) аломати вергул гузошта нашудааст, ки аломати вергул дар ин сурат аҳаммиятӣ синтаксисӣ-маъноӣ дорад. Ва тақрибан дар ҳама ҷо ҳангоми овардани номи китобҳои арабӣ артикли "ал" ҷудо аз калимаи моқабли худ дар шакли "ал-" оварда мешавад: "Ҳидоят ал-мутааллимин фи-т-тиб", "Насиҳат ал-мулук", "Равзот ал-ҷаннот" (саҳ. 18, 37, 38, 44...) ҳол он ки мувофиқи анъанаи навишти номи осори арабӣ дар тоҷикӣ он бо калимаи моқабл ва мобаъди худ бо нимтире ҷудо карда мешавад.

2. Дар диссертатсия риоя нагардидани имлои баъзе вожаҳо, аз қабили ба вижа (бавижа), хоси (хосси), хосаи (хоссаи) ва ғ., (дар саҳифаҳои 11, 44, ба назар мерасанд. Инчунин, дар рисола баъзан вожаҳои иқтибосӣ бо "ӯ" оварда шудаанд, мисли: Шӯравӣ, (саҳ. 17, 128...) ва ё нaвобаста аз аслии тоҷикӣ будан дар охири калимаҳо "ӯ" навишта шудааст (ва ин қоида дар калимасозӣ низ бояд риоя шавад), ки мувофиқи имлои амалкунанда ғалат ҳастанд. Ниг.: фурӯтанӣ, фурӯмоя (саҳ. 37, 121, 151...). Дастаи дигари камбудиҳоро ғалатҳои техникӣ (саҳ. 43, 45, 101, 134, 139...) медиҳанд.

3. Ҳангоми навишт баъзан калимаҳое ба ҷумла ворид шудааст ва ё аъзои ҷумла андак ғайримуқаррарӣ оварда шудааст, ки ин амал боиси костагии услуб ва ҷумла гардидаанд. Ниг.: Дигар хусусияти назаррас ва дар айни замон муҳимму зарурии истилоҳ **холӣ** аз обуранги эмотсионалӣ ва **озод** будани он аст (саҳ. 20)...

4. Дар саҳифаи 59 ҷузъи “борӣ”-и калимаҳои мураккаб ҳамчун пасванд муаррифӣ шудааст, ҳол он ки ин калимаи мустақил ба маънии “бор, маҳсул” ва пасванди “ӣ” мебошад.

5. Дар саҳифаи 64 ва 65 таснифи калимаҳои мураккаби забонҳои ҳиндуаврупоӣ бо истилоҳоти лотинӣ ва русӣ дода шудаанд. Агар муодили инҳо ба тоҷикӣ оварда шарҳ дода мешуд, беҳтар буд.

6. Ҳарфи сакта дар таркиби муштаққоти феъл аз қабили фоъил бояд навишта шавад (дар саҳ. 96-99...), зеро он дар нишон додани қолиби калимаҳо ва шинохти вазн (зиҳоф) дар назмшиносӣ аҳаммияти калон дорад ва ҳамчунин, дар ҷояш будан ё набудани ҳарфи сакта дар тағйири маънии калимаҳо нақши бағоят калон дорад.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои болозикр ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро ёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо, диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи лозимии илмӣ таълиф гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ зери унвони “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Хулоса**, диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 15-уми марти соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 8, аз 15.03.2024с.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Шерализода Адолат Шералӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PHD), дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Имзоҳои А. Ш. Шерализода, Б.Н. Раҳмонов, ва Ш.Р. Юсуповро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«19» марти соли 2024.